**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 168 с.**

Устод Садриддин Айнӣ, ки роҳи пуршарафи эҷодиро тай намудааст, тамоми ҳаёт ва фаъолияти серсоҳаи адабӣ ва илмии худро ба хизмати содиқонаи халқу Ватан ва дӯстию ҳамкории инсонҳо бахшидааст. Ин аст, ки мавзуву мундариҷа, забону сабки баён, вижагиҳои жанрӣ ва луғавии асарҳои устод Садриддин Айнӣ диққати аҳли олимони хориҷиву ватаниро дар давоми солҳои зиёд ҷалб кардааст. Дар баробари ин аз таҳқиқ ва баррасии диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна бармеояд, ҳанӯз паҳлуҳои камомӯхтаи таълифоти устод равшан ба назар мерасад.

Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Бобораҷавоба Гулноза Зиёвиддиновна дар он зоҳир мешавад, ки шахсият, симои наҷибу ҷовидона, консепсияи эҷодӣ ва ҷусторҳои ҳунарии устод С. Айнӣ тимсоли барҷастаи ҳунари нависандагӣ, завқу андеша ва тафаккури бадеӣ аст, ки барои ҳувият ва худшиносии миллӣ заминаи боэътимод гузоштааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

Таҳқиқу баррасии фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи устод С. Айнӣ аз ҷониби суханшиносону муҳаққиқони зиёде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар тақвияти андеша метавон аз қайду хотирот, тақризу мақола ва таълифоти донишмандон И.С. Брагинский, М. Шакурӣ, С. Табаров, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Сатторзода, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, М. Имомзода, М.Ю. Хоҷаева, А. Набавӣ, М. Абдуллоев, А. Муллоев, Ш. Солеҳов, Ҷ. Ҳамроев ёдовар шуд.

Ба таъкиди муаллифи диссертатсия “Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароҳам омадани озодандешӣ нақш ва ҷойгоҳи С. Айнӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ дар робита ба консепсияи ҳунарӣ ва фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои тафаккури бадеӣ ва ҳунари зебоишинохтӣ бояд муайян ва мушаххас гардад. Дар айни замон таҳқиқи консепсия ва фардияти эҷодӣ дар мисоли асарҳои ҷудогонаи С. Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба таври ҷудогона мавриди таҳқиқи

ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Бинобар ин, зарурати тадқиқи консепсияи бадеии шахс ва маҳорати чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ, махсусан дар «Ёддоштҳо» ба миён омадааст” (дисс., с.6).

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки масъалаи консепсияи мушаххаси афкори адабӣ ҳамчун падидаи ҳунари эҷоди бадеӣ дар қаринаи муайяни таърихӣ ва ҷараёни насри муосири тоҷик бо диди тоза баррасӣ шуда, таъйини фаъолияти адабии нависанда дар иртибот ба ҷанбаи ҳунарию фардияти эҷодӣ дар мисоли «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ, дар пайвандии замону муҳити адабии давр, арзишҳои ҳунарӣ, фарогирии тадқиқоти гуногуни донишмандон ва биниши тозаи нақди адабии даврони истиқлол омӯхта ва тадқиқ шуда, масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии замон, мавриди омӯзиш, таҳқиқи ҷомеъ ва арзёбӣ қарор мегирад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбанд, ки дар диссертатсия афкори назарӣ дар боби айнишиносӣ ифода гардида, хусусияти тафаккури бадеӣ ва таҷассуми консепсияи шахсият ва симои эҷодӣ дар заминаи «Ёддоштҳо» бозгӯй шудааст. Шинохт ва арзёбии ҳунар ва тафаккури бадеии С.Айнӣ, таблиғи равишу ҷараёнҳои пешқадами адабиёти навини тоҷик бо фарогирии арзиши аҳдофи миллӣ ва зебоишинохтӣ баррасӣ гардидааст.

Натиҷаҳои пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ истифода кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти ҳунари чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «**Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ**» унвон дошта, дар он давраҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ, таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории устод Садриддин Айнӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Фасли якуми ин боб «Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ» номгузорӣ гардида, ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигориро дар осори С. Айнӣ фаро гирифтааст. Дар ин фасл муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки бо таҳқиқу баррасии муфассалу фарогири ин масъала ба коргоҳи эҷодии нависанда ворид шуда, хусусиятҳои сабкию ҳунарии осори бадеии С. Айниро ошкор созад.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия бо номи «**Шахсият ва воқеият: таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории устод С. Айнӣ**» муаллиф таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии осори адабӣ, таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеиро таҳлил намуда, бо истифода аз маводи зиндагӣ, аз ҳодисаю воқеаҳо ва шахсиятҳои дорои арзиши адабӣ кор гирифтани нависанда равшан гардидааст. Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна бар он аст, ки шеваи коргарии С. Айнӣ аз таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ далели равшани муносибати ҳақиқатнигории нависанда ва аз вижагиҳои коргоҳи эҷодиву мактаби

адабии ӯ мебошад. Нависанда ҳангоми ба қалам додани ҳатто хурдтарин ҷузъиёти бадеӣ ҳам аз ҳақиқати бадеӣ дур намеравад. Дар баробари дигар асарҳои устод С. Айнӣ мавқеи "Ёддоштҳо" махсус қайд гардидааст. Аз ин аст, ки гуфта мешавад: «Падидаҳои ҳунарӣ, биниши тафаккури бадеии нависанда, ҷанбаҳои маърифатию зебоишинохтӣ ва бозтоби шахсияти таърихию чеҳраи адабӣ, симои муаллиф ва афроди эҷодкор дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ равшан гардидааст. (дисс., саҳ. 39).

Боби дуюми диссертатсия **«Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** ном дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби дуюм - «Таҷассуми симои равшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» тасвири симои шахсияти таърихию ҳунарӣ ва чеҳраҳои равшанфикрони Бухоро ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Фасли дуюми ин боб ба баррасии чеҳраи муаллиф ва нигориши руҳи замон дар «Ёдддоштҳо»-и С. Айнӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ равшан намудааст, ки шахсияти адабӣ, симои ҳунарӣ ва рисолати иҷтимоию фарҳангии Садриддин Айнӣ дар заминаи фаъолияти адабию маҳорати эҷодии ӯ бунёд ва вобастагӣ дошта, зиндагинома ва фаъолияти эҷодиаш дар даврони ҳассос ва марҳилаи тақдирсози таърихии халқи тоҷик сипарӣ гашта, симои наҷибаш дар осори адабиаш, махсусан дар "Ёддоштҳо" инъикос гаштааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёдддоштҳо»-и С. Айнӣ»** унвон дошта, дар ду фасли он осори адабӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш таҳқиқ шудааст.

Дар фасли якуми боби сеюм муҳаққиқ фаъолияти гуногунҷанбаи Аҳмади Донишро, аз ҷумла маҳорати нависандагӣ, таърихнависӣ, мунаққидӣ, хатотӣ баррасӣ намуда, оид ба мероси адабии мутафаккир ва дараҷаи омӯхта шудани осори ӯ маълумот додааст.

Фасли дуюм фарогири мавзуи шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ буда, дар асоси асарҳои "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро", "Намунаи адабиёти тоҷик", инчунин "Ёддоштҳо" ҳам ҳунари волои чеҳранигории устод Айнӣ ва ҳам таъсири ҷиддии фаъолияти пурсамари Аҳмади Дониш дар таҳаввули шахсияти иҷтимоӣ ва роҳу равиши фаъолияти эҷодии С. Айнӣ хеле возеҳу равшан маънидод гардидааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, андешаҳои унвонҷӯ бо мисолҳо асоснок гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба эътибор гирифтани онҳоро дар корҳои таҳқиқи минбаъдаи муаллиф зарур меҳисобем:

1. Дар фасли 1.1. боби якуми рисола муҳаққиқ чараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории Садриддин Айниро дар се марҳила муайян мекунад, аммо марҳилаи сеюм норавшан мондааст.

2. Ба андешаи мо, дар фасли 3.1, ки "Таҳқиқи осори адабӣ ва шинохти шахсияти Аҳмади Дониш" унвон гирифтааст, диссертант як андоза аз мавзуи диссертатсия фаротар рафтааст.

3. Дар саҳифаи 6 матни кор диссертант баён доштааст, ки "Осори С. Айнӣ аз оғози фаъолияташ дар иртибот ба масъалаҳои раванди адабиёти муосири тоҷик дар доираи мубоҳиса, мизҳои мудаввар, хонишҳои адабӣ, конфронс ва семинарҳо, маҷаллаҳои «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх», «Садои Шарқ» ва дигар маҷаллаву расонаҳо мавриди нақду арзёбии адабиётшиносон қарор гирифта буд".

Беҳтар мешавад, агар "Садои Шарқ" зикр шуда, қаблан бо кадом номҳо нашр гардидани ин маҷалла ишора гардад, зеро чунин баёни фикр метавонад хонандаро ба иштибоҳ барад.

4. Унвонҷӯ баъзан дар овардани мисолҳо, махсусан аз "Ёддоштҳо", матнҳоро ғалат рӯбардор кардааст (дисс., саҳ. 38, 39, 60, 65, 70, 75, 99...);

5. Дар саҳифаи 58 диссертатсия муаллиф замони таълифи "Ёддоштҳо"-ро иштибоҳан солҳои 1948-1953 арзёбӣ кардааст.

6. Гоҳо номи персонажҳо низ носаҳеҳанд: Хамроҳговбоз (дисс., саҳ. 19, 20, 21) ба ҷойи Ҳамрогавбоз, Тӯтипошшо (дисс., саҳ. 93, 95, 97, 103) ба ҷойи Тӯтапошшо...

7. Дар матни диссертатсия рақами сарчашмаҳои истифодашуда ба рӯйхати адабиёт баъзан мутобиқат намекунад (дисс., саҳ.88 – ад. 21, 190...). Инчунин, тартиби таҳияи адабиёти истифодашуда дар қисме аз сарчашмаҳо риоя нашудааст (дисс., адабиёти 3-17, 28...).

8. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (дисс., саҳ. 13, 19, 35, 44, 57, 60, 94...)

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои

таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси филология, и.в.дотсенти кафедраи
адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед
«16» майи соли 2023

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ориёно, 2/32
E-mail: mr.shamshod93@mail.ru
Тел: (+992) 918906365

“Имзои Шамшоди Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам”:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.
«16» майи соли 2023

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj,
Тел: (833-22) 2-35-06